# ОИННОМАИ

# ҶАМЪИЯТИ САҲОМИИ КУШОДАИ

# «АЛИФ БОНК»

Бо қарори саҳмдори ягонаи
ҶСК «Алиф Бонк»
тасдиқ шудааст

Қарори №3 аз 21 ноябри соли 2022

Иҷрокунандаи вазифаи
Раиси ҶСК «Алиф Бонк»
Каримов Д. О.

## БОБИ 1
## МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

1.1. Оинномаи мазкур (минбаъд дар матн – «Оиннома») ҳуҷҷати таъсисии Ҷамъияти саҳомии кушодаи «Алиф Бонк» (минбаъд дар матн – «Бонк») мебошад.

1.2. Бонк тибқи Кодекси Граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҷамъиятҳои саҳомӣ» (минбаъд дар матн – «Қонун дар бораи ҷамъиятҳои саҳомӣ»), Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти бонкӣ» ва дигар санадҳои қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар натиҷаи табдилдиҳии Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди ташкилоти амонатии қарзии хурди «Алиф-Сармоя» ба Ҷамъияти саҳомии кушодаи ташкилоти амонатии қарзии хурди «Алиф Сармоя», ва минбаъд табдилёбии Ҷамъияти саҳомии кушодаи ташкилоти амонатии қарзии хурди «Алиф Сармоя» ба Бонк, таъсис дода шудааст.

1.3. Номи пурраи фирмавии Бонк ба забони:
- тоҷикӣ: Ҷамъияти саҳомии кушодаи «Алиф Бонк»;
- англисӣ: Alif Bank Open Joint Stock Company; ва
- русӣ: Открытое акционерное общество «Алиф Банк», мебошад.

1.4. Номи ихтисоршудаи Бонк ба забони:
- тоҷикӣ: ЧСК «Алиф Бонк»;
- англисӣ: Alif Bank OJSC; ва
- русӣ: ОАО «Алиф Банк», мебошад.

1.5. Суроғаи ҳуқуқии Бонк чунин аст: кӯчаи Баҳовуддинов 9, шаҳри Душанбе, Тоҷикистон 734019.

## БОБИ 2
## ВАЗЪИ ҲУҚУҚИИ БОНК

2.1. Бонк аз лаҳзаи ба қайд гирифта шуданаш тибқи қонунгузорӣ, ҳамчун шахси ҳуқуқӣ, субъекти мустақили муносибатҳои ҳуқуқӣ дониста мешавад.

2.2. Бонк фаъолияти худро тибқи қонунгузории амалкунанда ва Оинномаи мазкур амалӣ менамояд.

2.3. Бонк дорои молу мулки алоҳидаест, ки дар тавозуни мустақили он сабт шудааст ва ҳуқуқ дорад ҳуқуқҳои молумулкӣ ва ғайримолумулкиро ба даст орад, онҳоро амалӣ гардонад, уҳдадориҳо ба зимма гирад ва дар суд ҳамчун даъвогар ва ҷавобгар баромад намояд.

2.4. Бонк бояд муҳр дошта бошад, ки дар он номи пурраи фирмавиаш ба забони тоҷикӣ сабт гардидааст. Бонк ҳуқуқ дорад штампҳо ва бланкҳои дорои номи фирмавии худ, нишони худӣ, инчунин аломати молӣ ва дигар воситаҳои фардиятро, ки бо тартиби муқаррарӣ ба қайд гирифта шудаанд, дошта бошад.

2.5. Бонк дорои ҳуқуқҳо ва ӯҳдадориҳои граждание мебошад, ки барои иҷрои ҳамагуна амалиётҳои бо қонунгузорӣ манънашуда заруранд ва ба мақсад ва самтҳои фаъолияте, ки дар Боби 3-и Оинномаи зикр шудаанд, мувофиқанд.

2.6. Бонк барои ӯҳдадориҳои худ бо тамоми амволаш масъул мебошад. Бонк барои ӯҳдадориҳои саҳмдоронаш масъулият надошта, саҳмдорони он барои ӯҳдадориҳои Бонк масъулият надоранд ва таваккали зиёни вобаста ба амалиёти Бонкро то андозаи арзиши саҳмияҳои ба онҳо таалуқдошта ба душ доранд.

## БОБИ 3
## МАҚСАД ВА САМТИ ФАЪОЛИЯТИ БОНК

3.1. Мақсади асосии Бонк – баамалбарории фаъолияти соҳибкорӣ барои ба даст овардани фоида мебошад.

3.2. Самти асосии фаъолияти соҳибкории Бонкро ба амал баровардани фаъолияти бонкӣ тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти бонкӣ» ташкил медиҳад.

3.3. Бонк фаъолияти худро танҳо пас аз гирифтани иҷозатномаи Бонки миллии Тоҷикистон оғоз менамояд. Бонк метавонад дар доираи меъёрҳои тибқи қонунгузории амалкунанда муқаррарнамудаи Бонки миллии Тоҷикистон амалиётҳои бонкии зеринро бо пули миллӣ ва бо асъори хориҷӣ анҷом диҳад:

- ҷалби амонат ва пасандозҳо, гирифтани қарзҳо;
- додани қарзҳо (таъминшуда ва таъминнашуда), аз ҷумла:
  - қарзҳои истеъмолӣ, ипотекӣ ва байнибонкӣ;
  - факторинг;
  - форфейтинг;
- кушодан ва пешбурди суратҳисобҳои бонкӣ;
- хариду фуруши воситаҳои зерин барои худ ё муштариён:
  - воситаҳои бозории пулӣ (аз ҷумла: чекҳо, векселҳо, ӯҳдадориномаҳо ва тасдиқномаҳои пасандозӣ);
  - асъори хориҷӣ;
  - саҳмияҳо ва дигар қоғазҳои қиматноки интиқолшаванда;
  - қарордодҳои форвардӣ, созишномаи своп, фючерс, опсион ва дигар ҳосилаҳое, ки ба асъор, саҳмияҳо, вомбаргҳо, металлу сангҳои қиматбаҳо ё қурбу меъёрҳои фоизӣ дахл доранд;
- додани кафолат, баҳисобгирии ӯҳдадориҳои шартӣ, аз ҷумла кафолатҳо ва эътиборномаҳо (аккредитивҳо) барои худ ва муштариён;
- ҳисоббаробаркунӣ ва интиқоли маблағҳо, аз ҷумла интиқоли маблағҳои электронӣ, барориш ва ё хизматрасонии воситаҳои пардохт, ба истиснои интиқолҳои почта;
- миёнаравӣ дар бозори пулӣ;
- амалиёти сейфӣ, нигаҳдорӣ ва идоракунии дороиҳо (пул, қоғазҳои қиматнок, металлҳо, ҷавоҳирот ва ғайра);
- хизматрасонии амалиёти ба боварӣ асосёфта (идоракунии маблағҳои пулӣ, қоғазҳои қиматнок ва ғайра ба манфиати боварикунанда ва дар асоси супориши он);
- амалиёти кассавӣ: қабул намудан, аз нав ҳисоб кардан, иваз намудан, бастан ва нигоҳ доштани пулҳои қоғазӣ ва тангаҳо;

- қабул намудан (инкассатсия) ва фиристодани пулҳои қоғазӣ, тангаҳо ва ашёи қиматбаҳо;
- пешниҳоди хизматрасониҳои пардохтӣ;
- ҳар гуна амалиёти дигаре, ки аз амалиёти дар боби мазкур зикршуда бармеоянд ва бо санадҳои меъёрии ҳуқуқии Бонки миллии Тоҷикистон пешбинӣ шудаанд.

3.4. Бонк, ғайр аз амалиётҳои бонкии дар банди 3.3-и Оинномаи мазкур номбаршуда, ҳуқуқ дорад аҳдҳои зеринро ба амал барорад:
- додани замонат, ки иҷрои уҳдадориҳои пулиро дар назди шахси сеюм пешбинӣ менамояд;
- иҷораи молиявӣ (лизинг);
- амалиёт бо металлу сангҳои қиматбаҳо мутобиқи қонунгузорӣ;
- хизматрасонӣ ба сифати агенти молиявӣ;
- хизматрасонӣ ба сифати мушовир ё маслиҳатгари молиявӣ;
- хизматрасонии иттилооти молиявӣ ва қарзӣ.

3.5. Бо мақсади амалӣ намудани фаъолияти бонкии худ, Бонк ҳуқуқ дорад ҳамагуна аҳдҳоеро бандад, ки қонунгузории амалкунанда бастани онҳоро барои бонкҳо маҳдуд накардааст.

3.6. Машғул шудани Бонк ба фаъолияти истеҳсолӣ, савдо ва бевосита ба фаъолияти суғурта манъ аст.

## БОБИ 4
## САРМОЯИ ОИННОМАВИИ БОНК

4.1. Сармояи оинномавии Бонк ҳаҷми камтарини молу мулки онро, ки манфиатҳои кредиторони онро кафолат медиҳад, муайян менамояд. Ҳаҷми сармояи оинномавии Бонк ба 110 597 000 (яксаду даҳ миллиону панҷсаду наваду ҳафт ҳазор) сомонӣ баробар аст, ки он ба 110 597 (яксаду даҳ ҳазору панҷсаду наваду ҳафт) саҳмияҳои оддии номии ғайриҳуҷҷатӣ (минбаъд дар матн – «саҳмияҳои оддӣ»), бо арзиши номиналии ҳар як саҳмияи оддӣ баробар ба 1 000 (як ҳазор) сомонӣ, тақсим карда шудааст. Сармояи оинномавии Бонк аз ҳисоби арзиши номиналии саҳмияҳои оддӣ, ки саҳмдорони он ба даст овардаанд, ташаккул ёфтааст.

4.2. Сармояи оинномавии Бонк метавонад бо роҳи зиёд кардани арзиши номиналии саҳмияҳои оддӣ ё баровардани саҳмияҳои иловагӣ зиёд карда шавад. Қарор дар мавриди зиёд кардани сармояи оинномавии Бонк аз ҷониби маҷлиси умумии саҳмдорони Бонк (минбаъд дар матн – «Маҷлиси умумии саҳмдорон») тибқи қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Оинномаи мазкур қабул карда мешавад.

4.3. Сармояи оинномавии Бонк бо роҳи баровардани саҳмияҳои иловагӣ метавонад аз ҳисоби молу мулки Бонк зиёд карда шавад. Сармояи оинномавии Бонк бо роҳи зиёд намудани арзиши номиналии саҳмияҳо танҳо аз ҳисоби молу мулки Бонк зиёд карда мешавад.

4.4. Бонк ҳуқуқ дорад ва дар ҳолатҳои пешбининамудаи қонунгузорӣ вазифадор аст, ки сармояи оинномавии худро кам кунад. Сармояи оинномавии Бонк метавонад бо роҳи кам кардани арзиши номиналии саҳмияҳо ё кам кардани миқдори умумии онҳо кам

карда шавад. Қарори кам кардани сармояи оинномавии Бонк аз ҷониби Маҷлиси умумии саҳмдорон тибқи қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Оинномаи мазкур қабул карда мешавад.

## БОБИ 5
## КОҒАЗҲОИ ҚИМАТНОКИ ЭМИССИОНИИ БОНК, ҲУҚУҚ ВА УҲДАДОРИҲОИ САҲМДОРОН

5.1. Тамоми саҳмияҳои Бонк саҳмияҳои оддии номӣ мебошанд. Арзиши номиналии ҳар як саҳмияи оддӣ, ки дар шакли ғайриҳуҷҷатӣ бароварда шудаанд, ба 1 000 (як ҳазор) сомонӣ баробар аст. Миқдори умумии саҳмияҳои оддии паҳншуда 110 597 (яксаду даҳ ҳазору панҷсаду наваду ҳафт) ададро ташкил медиҳанд.

5.2. Миқдори саҳмияҳои оддии эълоншуда, ки дар доираи он Бонк метавонад саҳмияҳои иловагии оддӣ паҳн кунад, ба 200 000 (дусад ҳазор) адад баробар аст.

5.3. Бонк ҳуқуқ дорад тибқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории амалкунанда ва Оинномаи мазкур саҳмияҳои имтиёзнок ва вомбаргҳо барорад ва паҳн кунад. Ҳангоми баровардани саҳмияҳои имтиёзнок Маҷлиси умумии саҳмдорон бояд ба Оинномаи мазкур тағйиротҳои дахлдор ворид намояд.

5.4. Саҳмияи оддӣ ба ҳар як саҳмдори дорои он ҳаҷми баробари ҳуқуқҳоро фароҳам меорад. Саҳмдорони Бонк ҳуқуқ доранд:

- дар Маҷлиси умумии саҳмдорон ҳангоми ҳалли ҳамаи масъалаҳое, ки барои овоздиҳӣ пешниҳод мешаванд, бо ҳуқуқи овоздиҳӣ иштирок намоянд;
- тибқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузорӣ ва Оинномаи мазкур оиди фаъолияти Бонк маълумот гиранд ва бо ҳуҷҷатҳои муҳосибӣ ва дигар ҳуҷҷатҳои Бонк шинос шаванд;
- бо тартиби судӣ ҳуқуқҳои худро ҳифз намоянд, ба суд барои ҳифзи манфиатҳои худ, саҳмдорон ва Бонк оид ба аҳдҳое, ки дар бастани онҳо манфиати шахсони дар қонунгузорӣ номбаргардида вуҷуд дорад, муроҷиат намоянд;
- дар тақсими фоидаи Бонк иштирок намоянд (дивиденд гиранд);
- саҳмияҳои худро бегона намоянд;
- бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузорӣ қисми молу мулки Бонкро, ки баъд аз барҳамдиҳии он боқӣ мондааст, гиранд;
- дигар ҳуқуқҳоеро, ки қонунгузорӣ ва Оинномаи мазкур пешбинӣ намудаанд, амалӣ намоянд.

5.5. Саҳмдорони Бонк уҳдадоранд:

- талаботи Оинномаи мазкурро риоя намоянд;
- маълумоти махфиро дар бораи фаъолияти Бонк фош накунанд;
- уҳдадориҳои ба зимаи худ гирифтаро нисбати Бонк ва дигар саҳмдорон иҷро намоянд;
- дигар уҳдадориҳоро, ки қонунгузорӣ ва Оинномаи мазкур ба зиммаашон вогузор намудааст, иҷро намоянд.

## БОБИ 6
## МАҶЛИСИ УМУМИИ САҲМДОРОН

6.1. Саҳмдорон Маҷлиси умумии саҳмдоронро ташкил медиҳанд, ки он мақоми олии идоракунии Бонк ба ҳисоб меравад. Дар ҳолате, ки ҳамаи саҳмияҳои оддии Бонк ба як саҳмдор тааллуқ доранд, қарорҳо оид ба масъалаҳои марбути салоҳияти Маҷлиси умумии саҳмдорон аз ҷониби ҳамин саҳмдор қабул гардида, ба таври хаттӣ ба расмият даровaрда мешаванд. Ҳамзамон муқаррароти боби мазкур, ки тартиб ва мӯҳлати омодасозӣ, даъват ва гузаронидани Маҷлиси умумии саҳмдоронро муайян менамояд, ба истиснои муқаррароти вобаста ба мӯҳлати гузаронидани Маҷлиси умумии солонаи саҳмдорон, татбиқ намегарданд.

6.2. Саҳмдорон ҳуқуқ доранд ба воситаи намояндагони худ ҳуқуқҳои худро амалӣ намоянд. Намояндагон мумкин аст доимӣ бошанд ё ба мӯҳлати муайян таъин шуда бошанд. Саҳмдорон ҳуқуқ доранд ҳар замон намояндагони худро иваз намоянд. Намояндагони саҳмдорон бояд дар доираи ваколатҳое, ки дар ваколатномаи дахлдор муқаррар шудаанд, амал намоянд. Ваколатнома бояд мутобиқи талаботи қонунгузорӣ ба расмият даровaрда шавад.

6.3. Масъалаҳои зерин ба салоҳияти истисноии Маҷлиси умумии саҳмдорон дохил мешаванд:

- ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Оинномаи Бонк;
- азнавташкилдиҳии ихтиёрии Бонк;
- барҳамдиҳии Бонк, таъини комиссияи барҳамдиҳӣ ва тасдиқи тавозуни фосилавӣ ва ниҳоии барҳамдиҳӣ;
- муайян намудани шумораи аъзои Шурои нозирони Бонк, интихоби аъзои он ва пеш аз мӯҳлат қатъ намудани ваколатҳои онҳо;
- муайян намудани миқдор, арзиши номиналӣ, намуди (навъи) саҳмияҳои эълоншуда ва вомбаргҳо ва ҳамчунин ҳуқуқҳое, ки ба ин саҳмияҳо ва вомбаргҳо дода шудааст;
- зиёд кардани сармояи оинномавии Бонк бо роҳи зиёд кардани арзиши номиналии саҳмияҳо ё бо роҳи паҳн кардани саҳмияҳои иловагӣ;
- кам кардани сармояи оинномавии Бонк бо роҳи кам кардани арзиши номиналии саҳмияҳо, бо роҳи як қисми ин саҳмияҳоро бо мақсади кам кардани миқдори умумии онҳо харидани Бонк ва инчунин бо роҳи пардохтани арзиши саҳмияҳои бадастоварда ё азнавхаридаи Бонк;
- тасдиқи аудитори Бонк ва подошпулии он, интихоби ревизор;
- тасдиқи ҳисоботи солона, ҳисоботи муҳосибавӣ, аз ҷумла ҳисобот дар мавриди фоида ва зарари Бонк, инчунин тақсими фоида, аз ҷумла пардохти (эълони) дивидендҳо ва тасдиқи товони зарари Бонк аз руи натиҷаҳои соли молиявӣ;
- тасдиқи дастури кории Маҷлиси умумии саҳмдорон;
- қабули қарор дар бораи маъқул донистани аҳдҳои калон ва дар ҳолати пешбининамудаи Оинномаи мазкур аҳдҳое, ки дар он манфиатдории шахсоне, ки қонунгузорӣ муайян кардааст, вуҷуд дорад;
- дар ҳолатҳои пешбининамудаи қонунгузорӣ қабули қарор вобаста ба харидани саҳмияҳои паҳнкардашуда аз ҷониби Бонк;
- қабули қарор дар бораи иштироки Бонк дар таъсис ё фаъолияти дигар шахсони ҳуқуқӣ бо роҳи супурдани як ё якчанд қисми доротӣ ба маблағе, ки дар маҷмуъ 25 фоиз ё бештари ҳамаи дороии Бонкро ташкил медиҳанд;
- тасдиқи ҳуҷҷатҳои танзимкунандаи фаъолияти Маҷлиси умумии саҳмдорон, Шурои нозирон ва ревизори Бонк;
- пардохти дивидендҳо;

– дигар масъалаҳое, ки тибқи қонунгузорӣ салоҳияти Маҷлиси умумии саҳмдорон мебошанд.

Қарор оид ба масъалаҳои дар сархатҳои 1, 2, 3, 6, 7 ва 14 инъикосёфта аз ҷониби Маҷлиси умумии саҳмдорон бо аксарияти аз чор се ҳиссаи овози саҳмдорон, ки дар Маҷлиси умумии саҳмдорон иштирок намудаанд, қабул карда мешавад.

Қарор дар мавриди маъқул донистани аҳди калон, ки мавзуи он молу мулки дорои арзиши аз сӣ (30) то панҷоҳ (50) фоизи арзиши тавозунии дороии Бонк мебошад, аз ҷониби Маҷлиси умумии саҳмдорон бо аксарияти аз се ду ҳиссаи овози саҳмдорони дар Маҷлиси умумии саҳмдорон иштирокдошта қабул карда мешавад. Қарор дар бораи маъқул донистани аҳди калон, ки мавзуи он молу мулки дорои арзиши беш аз панҷоҳ фоизи (50%) арзиши тавозунии дороии Бонк мебошад, аз ҷониби Маҷлиси умумии саҳмдорон бо аксарияти аз чор се ҳиссаи овози саҳмдорони дар Маҷлиси умумии саҳмдорон иштирокдошта қабул карда мешавад.

Дар ҳолатҳои пешбинигардидаи қонунгузорӣ ва Оинномаи мазкур қарори маъқул донистани аҳд, ки дар анҷом додани он манфиатдорӣ мавҷуд аст, аз ҷониби Маҷлиси умумии саҳмдорон бо аксарияти овози ҳамаи саҳмдорон, ки дар анҷом додани чунин аҳд манфиатдор нестанд, қабул карда мешавад.

Дигар масъалаҳо, ба истиснои интихоби аъзоёни Шурои нозирон, бо аксарияти оддии овози саҳмдорон, ки дар Маҷлиси умумии саҳмдорон иштирок намудаанд, қабул карда мешавад, агар қонунгузорӣ ва Оинномаи мазкур барои қабули чунин қарор тартиби дигареро пешбинӣ накарда бошад. Аъзои Шурои нозирони бо овоздиҳии кумулятивӣ интихоб карда мешаванд.

6.4. Аҳдҳои калон муфовиқи қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои меъёрию ҳуқуқии Бонки миллии Тоҷикистон муайян карда шуда, бо тартиби муқарраршуда, анҷом дода мешаванд.

6.5. Маҷлиси умумии солонаи саҳмдорон бояд дар муҳлати на дертар аз шаш (6) моҳи баъди баохиррасии соли молиявӣ гузаронида шавад. Маҷлиси умумии саҳмдорони Бонк тибқи қоидаҳои дахлдори пешбининамудаи Қонун дар бораи ҷамъиятҳои саҳомӣ даъват карда мешавад ва қарор қабул мекунад.

6.6. Иттилоот оид ба гузаронидани Маҷлиси умумии саҳмдорон метавонад ба воситаи почтаи электронӣ ба саҳмдорон ирсол гардад. Дар чунин ҳолат саҳмдорон оиди гузаронидани Маҷлиси умумии саҳмдорон ба таври дахлдор огоҳшуда ҳисобида мешаванд, агар гирифтани хабарнома оиди гузаронидани Маҷлиси умумии саҳмдоронро бо мактуби ҷавобии электронӣ тасдиқ намоянд. Саҳмдорон уҳдадоранд, ки ҳангоми тариқи почтаи электронӣ гирифтани хабарнома оид ба гузаронидани Маҷлиси умумии саҳмдорон, тасдиқи аз ҷониби онҳо гирифта шудани чунин хабарномаро фавран ва бидуни таъхир ба воситаи мактуби ҷавобии электронӣ ирсол намоянд.

6.7. Қарорҳои қабулнамудаи Маҷлиси умумии саҳмдорон, инчунин натиҷаи овоздиҳӣ, ба маълумоти саҳмдорон метавонад тибқи банди 6.6-и Оинномаи мазкур расонида шавад. Дар ҳолати овоздиҳӣ аз руи масъалаҳои рузномаи Маҷлиси умумии саҳмдорон, ки дар шакли овоздиҳии ғоибона сурат мегирад, бюллетени овоздиҳӣ дар шакли электронӣ

метавонад бо роҳи дар банди 6.6-и Оинномаи мазкур пешбинишуда ба саҳмдорон ирсол гардад.

## БОБИ 7
## ШУРОИ НОЗИРОН

7.1. Шурои нозирон дар ҳудуди ваколатҳои худ роҳбарии умумии фаъолияти Бонкро, ба истиснои ҳалли масъалаҳое, ки ба салоҳияти Маҷлиси умумии саҳмдорон мансубанд, иҷро менамояд. Шурои нозирон барои муайян намудани самтҳои асосии фаъолияти Бонк ва назорати татбиқи он масъул буда, идоракунии онро назорат мекунад.

7.2. Ба салоҳияти Шурои нозирон масъалаҳои зерин дохил карда мешаванд:

7.2.1. Салоҳият дар соҳаи назорати бонкӣ:
- муайян ва тасдиқи стратегияи рушд ва бартарияти самтҳои афзалиятноки фаъолияти Бонк (нақшаи стратегии Бонк) ва тасдиқи он бо пешниҳоди Раиси Бонк, нақшаи солонаи молиявию иқтисодии (бизнес нақшаи) Бонк ва назорати иҷрои он, буҷа ва назорат аз болои татбиқи он тавассути тавсияҳо барои тасдиқ дар Маҷлиси умумии саҳмдорон;
- таъин ва аз кор озод кардани Раиси Бонк ва ҳалли масъалаҳо вобаста ба музди меҳнат, подош ва чораҳои интизомии он;
- маъқул донистан, ба вазифа таъин (интихоб) ва аз вазифа озод намудани кормандони роҳбарикунандаи Бонк бо пешниҳоди Раиси Бонк, ба истиснои роҳбар ва сармуҳосиби филиали Бонк;
- тасдиқи сохтори ташкилӣ ва таъини роҳбари сохтори аудити дохилӣ (сараудитори) Бонк ва роҳбари сохтори идроракунии хавфҳо (сардори воҳиди сохтории идоракунии хавфҳои) Бонк, муайян намудани шартҳо ва андозаи музди меҳнати сараудитори Бонк ва роҳбари сохтори идоракунии хавфҳо (сардори воҳиди сохтории идоракунии хавфҳои) Бонк;
- баррасии натиҷаҳои аудит, санҷишҳои дохилӣ ва берунӣ ва пешниҳоди тавсияҳо ба Маҷлиси умумии саҳмдорон оид ба ҳолати молиявии Бонк;
- тасдиқи аҳдҳое, ки дар онҳо манфиатҳои шахсони муайяннамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мавҷуданд, тасдиқи рӯйхати шахсони вобаста ба Бонк;
- муқаррар намудани стандартҳои идоракунии хавфҳо, муайян кардани пазириши хавф ва ҳадди ақалли меъёрҳои мақбули дохилӣ;
- назорат аз болои чораҳо оид ба муайян, чен кардан, назорат ва назорати хавфҳое, ки Бонк ва шахсони масъули Бонк анҷом медиҳанд;
- назорат аз болои нигоҳ доштани низоми мувофиқи самараноки назорати дохилӣ, инчунин назорати самаранокии низоми назорати дохилӣ, ки онро Раиси Бонк амалӣ менамояд;
- тасдиқи сиёсат вобаста ба гузаронидни мониторинги амалиётҳои Бонк, бо мақсади бартараф намудани анҷом додани амалиётҳое, ки ба стратегия, сиёсатҳо ва тартиботҳои Бонк мухолифат менамояд ва (ё) барои шахсони вобаста шароитҳои имтиёзнокро фароҳам меорад;
- тасдиқи сиёсат вобаста ба мониторинги амалиётҳои Бонк бо шахсони вобаста, инчунин назорат аз болои қаррзҳое, ки ҳаҷми онҳо 5%-и сармояи оинномавии Бонкро ташкил медиҳад;
- ба роҳ мондани назорат ва баҳодиҳии фаъолияти Раиси Бонк;
- маъқул донистани ҳамаи аҳдҳои аз ҷониби Бонк басташаванда, ки маблағи он зиёда аз 5 000 000 (панҷ миллион) сомониро ташкил медиҳад;
- муқаррар намудани сиёсати дохилӣ ва сармоягузорӣ, низоми назорати дохилӣ,

комплаенс (мувофиқа) ва меъёрҳои ахлоқӣ.

7.2.2. Салоҳият дар доираи даъват, омодагӣ ва гузаронидани Маҷлиси умумии саҳмдорон:
- муайян намудани тартиби гузаронидани Маҷлиси умумии саҳмдорон (иштироки умумӣ ё овоздиҳии ғоибона);
- муайян намудани сана, макон, вақти оғози гузаронидани Маҷлими умумии саҳмдорон, вақти оғоз ва анҷоми барӯйхатгирии саҳомон, суроғаи электроние, ки ба воситаи онҳо бюллетенҳои пуркардашуда равон карда мешавад;
- муайян намудани санаи тартиб додани рӯйхати шахсоне, ки ҳуқуқи иштирокро дар Маҷлиси умумии саҳмдорон доранд;
- тасдиқи рӯзномаи рӯзи Маҷлис умумии саҳмдорон;
- муайян намудани рӯйхат ва тартиби пешниҳоди маълумотҳо (ҳуҷҷатҳо) ба саҳмдорон ҳангоми омодагӣ барои гузаронидани Маҷлиси умумии саҳмдорон;
- муаяйн намудани шакл ва матни бюллетен барои овоздиҳӣ;
- муайян кардани намуд (намудҳои) саҳмияҳои имтиёзнок, ки соҳибони онҳо аз руи рӯзномаи Маҷлиси умумии саҳмдорон ҳуқуқи овоздиҳӣ доранд;
- даъвати Маҷлими умумии саҳмдорон;
- баррасии пешниҳодҳои қабулшудаи саҳмдорон вобаста ба илова кардани масъалаи дар рӯзномаи маҷлис ва номзадҳо ба вазифаҳои интихобӣ дар Бонк;
- ворид кардани масъалаҳо ба рӯзномаи Маҷлиси умумии саҳмдорон, новобаста аз мавҷудияти масъалаҳое, ки аз ҷониби саҳмдорон ба рӯзнома дохил карда шудаанд;
- даъвати Маҷлиси ғайринавбатии умумӣ бо дархости аудити Бонк, инчунин саҳмдороне, ки дорандаи на кам аз 10 фоизи саҳмияҳои овоздиҳанда мебошанд;
- баррасии пешниҳодҳои қабулшуда вобаста ба даъвати Маҷлиси ғайринавбатии умумӣ ва қабули қарор дар давоми 5 (панҷ) рӯз оид ба қабул ё раъд кардани даъват;
- на дертар аз 3 (се) рӯз аз рӯзи қабули қарор дар бораи даъвати Маҷлиси умумии ғайринавбатӣ ё радди асоснок аз даъват, фиристодани чунин қарор ба шахсони манфиатдор;
- пешниҳоди тавсияҳо ба Маҷлиси умумии саҳмдорон оид ба андозаи дивидендҳо ва тартиби пардохти онҳо;
- пешниҳоди тавсияҳо ба Маҷлиси умуии саҳмдорон вобаста ба ҳаҷми пардохти хизматрасонӣ ба аудитори Бонк;
- тасдиқи пешакии ҳисоботи солона, ҳисоботи солонаи муҳосибӣ, аз он ҷумла ҳисобот оид ба даромад ва зарари (ҳисобҳои даромад ва зарари) Бонк, инчунин тақсими даромад ва зарари Бонк аз рӯи натиҷаи соли молиявӣ;
- ба саҳмдорон пешниҳод намудани дастрасӣ ба маълумотҳое, ки барои Маҷлиси умумии саҳмдорон дастрас мебошанд;
- пешниҳод ба Маҷлиси умумии саҳмдорон оид ба масъалаҳои зерин:
  - оид ба азнавташкилдиҳии Бонк ва шакли он, инчунин дигар масъалаҳо вобаста ба он;
  - оид ба барҳамдиҳии Бонк, таъин намудани комиссияи барҳамдиҳӣ ва тасдиқи ҳуҷҷатҳои зарурӣ;
  - оид ба хариди саҳмияҳои ҷойгиркардаи Бонк.

7.2.3. Салоҳият дар доираи ҷойгиркунии коғазҳои қиматнок, ҷалб ва ҷойгиркунии маблағҳо, истифодаи воситаҳои молиявӣ дар бозори коғазҳои қиматнок ва дар муносибат бо иштирокчиёни бозори коғазҳои қиматнок ва бозори асъор:
- ҷойгиркунии коғазҳои қиматноки Бонк, дар ҳолатҳои муқаррарнамудани қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- азхудкунии (хариди) коғазҳои қиматноки Бонк дар ҳолатҳои муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- муайян намудани нархи (арзиши пулии) амвол, нархи ҷойгиркунӣ ва хариди коғазҳои қиматнок дар ҳолатҳои муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии

Тоҷикистон;
- бо мақсади кам кардани сармояи оинномавӣ тавассути хариди саҳмияҳои харидашуда аз ҷониби Бонк;
- қабули қарор оид ба ҷойгиркунии вомбаргҳо, ба истиснои вомбаргҳои ба саҳмия мубаддалшаванда;
- қабули қарор оид ба хариди вомбаргҳои ҷойгиркардаи Бонк дар ҳолатҳои муқаррарнамудаи Оинномаи мазкур;
- муайян намудани (арзиши пулии) амвол, арзиши ҷойгиркунӣ ва хариди коғазҳои қиматноки баровардашуда;
- ба саҳмдорон пешниҳод кардани рӯйхати амволе, ки арзиши коғазҳои қиматнокро пардохт мекунад ва ҳисобот оид ба нархгузории ин амвол, агар дар рӯзномаи Маҷлиси умумии саҳмдорон масъала оид ба ҷойгиркунии саҳмияҳои иловагӣ, ки пардохти онҳо дар шакли ғайрипулӣ анҷом дода мешавад, дохил шуда бошад;
- қабули қарор оид ба истифодаи фондҳои захиравӣ ва фондҳои дигари Бонк.

7.2.4. Салоҳият дар доираи ташкили фаъолияти худӣ ва назорат аз болои фаъолияти мақоми идоракунанда ва бақайдгиранда:
- ташкили кумитаҳои доимамалкунанда ва муваққатии назди Шӯрои нозирон;
- қабули қарорҳои дахлдор оиди масъалаи табдилдиҳии Бонк ба бонки исломӣ, инчунин ташкил намудани кумитаҳои зарурӣ барои фаъолияти бонки исломӣ;
- таҳияи меъёрҳо барои баҳодиҳии фаъолияти Шӯрои нозирон ва аъзоёни он;
- вогузор кардани ҳуқуқи имзои шартнома бо Раиси Бонк аз номи Бонк ба аъзоёни Шӯрои нозирон;
- ҷалб намудани Раиси Бонк ба ҷавобгарӣ дар ҳолатҳои муқаррарнамудани Оинномаи мазкур, ҳуҷҷатҳои дохилии Бонк ва қонунгузорӣ;
- дархости ҳисоботи шифоҳӣ ё хаттӣ аз Раиси Бонк, дигар роҳбарони воҳидҳои Бонк, инчунин ҳама гуна дигар ҳуҷҷатҳо ва маълумотҳои зарурӣ барои иҷрои вазифаҳои Шӯрои нозирон;
- таъин намудани котиби корпоративии Бонк ва пеш аз муҳлат қатъ намудани уҳдадориҳои он.

7.2.5. Салоҳият дар доираи идоракунии корпоративии Бонк:
- таъсиси филиалҳо ва кушодани намояндагиҳо, барҳамдиҳии филиалҳо ва намояндагиҳо, инчунин қабули қарор дар бораи иштироки Бонк дар таъсис ё фаъолияти дигар шахсони ҳуқуқӣ тавассути интиқоли дороиҳо дар ҳаҷми камтар аз 25% аз арзиши дороиҳои Бонк;
- муайян кардани маълумот дар бораи Бонк ё фаъолияти он, ки сирри тиҷоратӣ ё дигар сирри бо қонун ҳифзшавандаро ташкил медиҳад, инчунин тартиби ифшои он аз ҷониби Бонк ба шахсони сеюм;
- тасдиқи ҳуҷҷатҳое, ки тибқи қонунгузорӣ ва Оинномаи мазкур ба салоҳияти Шӯрои нозирон дохил карда шудаанд.

7.3. Шӯрои нозирони Бонк назорати иҷрои сиёсати Бонкро аз ҷониби Раиси Бонк амалӣ менамояд, инчунин идоракунии хавфи комплаенсро назорат мекунад.

7.4. Шӯрои нозирон натиҷаҳои мониторинг ва баҳодиҳии самаранокии аз ҷониби Раиси Бонк иҷрои сиёсати идоракунии комплаенс-хавфҳо, тавсияҳо оид ба паст намудани комплаенс-хавфҳоро, баррасӣ менамояд.

7.5. Шурои нозирони Бонк аз панҷ (5) нафар аъзо иборат мебошад. Аъзои Шурои нозирон ба муҳлати чор (4) сол дар Маҷлиси умумии саҳмдорон интихоб мегарданд. Аъзоёни Шурои нозирон метавонанд дар давраҳои минбаъдаи муҳлаташон баробар аз нав интихоб шаванд. Бо қарори Маҷлиси умумии саҳмдорон ваколати Шурои нозирон ва

(ё) ваколати алоҳидаи аъзоёни он метавонад пеш аз муҳлат қатъ карда шавад. Дар ҳолати пеш аз муҳлат қатъ шудани ваколати аъзои Шурои нозирон, ваколати аъзоёни дигари Шурои нозирон қатъ карда намешавад.

7.6. Аъзои Шурои нозирон бо овоздиҳии кумулятивӣ интихоб карда мешаванд. Ҳангоми овоздиҳии кумулятивӣ шумораи овозҳои мансуб ба ҳар як саҳмдор ба шумораи шахсоне, ки бояд ба Шурои нозирон интихоб шаванд, зарб гардида, саҳмдор ҳуқуқ дорад овозҳои ба ин васила гирифтаро пурра ба тарафдории як номзад диҳад ё онҳоро байни ду ва ё бештар номзадҳо тақсим кунад. Ба Шурои нозирон номзадҳое интихобшуда ба ҳисоб мераванд, ки овози бештарро ба даст овардаанд.

7.7. Шурои нозирон метавонад аз ҳисоби саҳмдорон ва мутахассисон-коршиносони даъватшудае, ки таҳсилоти олӣ доранд, шахсони аз нигоҳи касбӣ босалоҳият ва боэътимод мебошанд, интихоб гардад. На камтар аз чор як ҳиссаи аъзои Шурои нозирон бояд дар низоми бонкӣ таҷрибаи кории зиёда аз се (3) сол дошта бошанд.

7.8. Аъзои Шурои нозирон наметавонанд:

– корманди ягон ташкилоти қарзии молиявии дигар бошад;
– аъзои Шурои нозирон ё дорандаи ҳиссаи иштироки афзалиятнок дар дигар ташкилоти қарзии молиявӣ бошанд;
– корманд, аз ҷумла корманди роҳбарикунандаи ташкилоти қарзӣ, ҷамъияти вобаста ва фаръии он бошанд, ба истиснои корманди ҷамъияти алоқаманди Бонк;
– хизматчии давлатӣ бошанд;
– шахсоне бошанд, ки синнашон аз сӣ (30) кам аст.

7.9. На кам аз се як ҳиссаи шумораи умумии аъзои Шурои нозирон бояд аъзои мустақили Шурои нозирон бошанд, ки талабот нисбати ба онҳо дар Низомномаи Шурои нозирон дарҷ карда мешавад.

7.10. Раиси Шурои нозирон аз ҳайати аъзоёни Шурои нозирон аз тарафи худи аъзоёни Шурои нозирон бо аксарияти овози пинҳонии шумораи умумии аъзои Шурои нозирони Бонк интихоб карда мешавад. Раиси Шурои нозирон кори Шуроро ба роҳ монда, ҷаласаҳои Шурои нозиронро даъват менамояд ва ба он роҳбарӣ мекунад, инчунин дар Маҷлиси умумии саҳмдорон раисӣ менамояд. Дар набудани раиси Шурои нозирон вазифаҳои уро бо қарори Шурои нозирон яке аз аъзои Шурои нозирон иҷро мекунад.

7.11. Ҷаласаҳои Шурои нозирон на камтар аз як маротиба дар 3 (се) моҳ даъват карда мешаванд. Ҷаласаи Шурои нозирон бо ташаббуси раиси Шурои нозирон, бо талаби аъзоёни Шурои нозирон, Раиси Бонк, аудитор ё саҳмдоре, ки зиёда аз ду фоизи (2%) саҳмияҳои оддии Бонкро дар даст дорад, даъват карда мешавад. Рузномаи ҷаласаи Шурои нозирон дар асоси таклифҳои аъзоёни Шурои нозирон, Раиси Бонк, аудитор ё саҳмдоре, ки зиёда аз ду фоизи (2%) саҳмияҳои оддии Бонкро дар даст дорад, тартиб дода мешавад. Раиси Шурои нозирон барои фиристонидани хабарнома оиди гузаронидани ҷаласаи Шурои нозирон ва тайёр намудани рӯзномаи ҷаласа масъул мебошад.

Хабарнома оиди гузаронидани ҷаласаи Шурои нозирон аз ҷониби раиси Шурои нозирон бояд на камтар аз 5 (панч) рӯз пеш аз санаи гузаронидани ҷаласа ба ҳамаи аъзоёни Шурои нозирон ба таври хаттӣ ё электронӣ ирсол карда шавад. Дар хабаронома сана, ҷой ва вақти гузаронидани ҷаласа қайд гардида, рӯзномаи ҷаласа ва ҳуҷҷатҳои ба

рӯзномаи ҷаласа дахлдошта ба он бояд замима карда шаванд. Хабарнома оиди гузаронидани ҷаласаи Шурои нозирон метавонад ба воситаи почтаи электронӣ ба аъзоёни Шурои нозирон ирсол гардад. Дар чунин ҳолат аъзоёни Шурои нозирон оиди гузаронидани ҷаласаи Шурои нозирон ба таври дахлдор огоҳшуда ҳисобида мешаванд, агар гирифтани хабарномаро бо мактуби ҷавобии электронӣ тасдиқ намоянд. Аъзоёни Шурои нозирон уҳдадоранд, ки ҳангоми тариқи почтаи электронӣ гирифтани хабарнома оид ба гузаронидани ҷаласаи Шурои нозирон, тасдиқи аз ҷониби онҳо гирифта шудани чунин хабарномаро фавран ва бидуни таъхир ба воситаи мактуби ҷавобии электронӣ ирсол намоянд.

7.12. Кворум барои гузаронидани ҷаласаи Шурои нозирон иштироки на кам аз 3 (се) аъзоёни интихобшудаи Шурои нозиронро ташкил менамояд. Ҳар як аъзои Шурои нозирон дар вақти овоздиҳӣ доир ба қабули қарор аз руи масъалаҳои баррасишаванда дорои як овоз аст. Аъзои Шурои нозирон ҳуқуқи овоздиҳии худро ба каси дигар, инчунин ба дигар аъзои Шурои нозирон, надорад. Аъзоёни Шурои нозирон ҳуқуқ надоранд аз овоздиҳӣ худдорӣ намоянд. Дар ҳолати баробарии овозҳо, овози раиси Шурои нозирон ҳалкунанда мебошад.

7.13. Қарорҳо оид ба масъалаҳои зерин аз ҷониби Шӯрои нозирон бо аксарияти аз чор се ҳиссаи овозҳои аъзои Шӯрои нозирон, ки дар овоздиҳӣ иштирок мекунанд, қабул карда мешаванд:

- интихоб ва аз нав интихобкунии Раиси Шурои нозирон, инчунин пеш аз муҳлат қатъ кардани ваколатҳои ӯ;
- барои баррасии Маҷлиси умумии саҳмдорон пешниҳод намудани масъалаҳои азнавташкилдиҳӣ ё барҳамдиҳии Бонк;
- маъқул донистани тамоми аҳдҳои Бонк, ба маблағи зиёда аз 5 000 000 (панҷ миллион) сомонӣ.

7.14. Қарорҳои Шурои нозирон бо аксарияти оддии овозҳои аъзоёни Шурои нозирон, ки дар ҷаласа иштирок менамоянд, қабул карда мешаванд, агар қоидаи дигареро қонунгузорӣ ё Оинномаи мазкур пешбинӣ накарда бошад. Ҷаласаи Шурои нозирон метавонад бе иштироки воқеии аъзоён дар як бино, бо истифода аз воситаҳои алоқае, ки имконияти дар вақти воқеӣ интиқол ва мубодилаи овоз ва тасвирро байни тамоми аъзоёни иштироккунандаи ҷаласа таъмин менамояд, гузаронида шавад. Ҳангоми муайян намудани мавҷудияти кворум ва натиҷаҳои овоздиҳӣ, ақидаи хаттии аъзои Шурои нозирон, ки дар ҷаласаи Шурои нозирон иштирок намекунад, вале ақидаи хаттии худро (аз ҷумла дар шакли электронӣ) то баргузории ҷаласа ба Шурои нозирон пешкаш намудааст, ба ҳисоб гирифта мешавад. Шурои нозирон инчунин метавонад бо овоздиҳии ғоибона қарор қабул намояд.

Дар ҳолатҳои пешбининамудаи қонунгузорӣ, қарори маъқул донистани аҳде, ки дар анҷом додани он манфиатдорӣ ҳаст, аз ҷониби Шурои нозирон бо аксарияти овози аъзоёни Шурои нозирон, ки дар анҷом додани он манфиатдор намебошанд, қабул карда мешавад. Агар шумораи аъзоёни Шурои нозирон, ки дар анҷом додани он манфиатдор намебошанд аз кворуми муайяннамудаи Оинномаи мазкур барои гузаронидани ҷаласаи Шурои нозирон камтар бошад, қарори маъқул донистани чунин аҳд бояд бо тартиби пешбининамудаи қонунгузорӣ аз ҷониби Маҷлиси умумии саҳмдорон қабул гардад.

7.15. Дар ҷаласаҳои Шурои нозирон пайнавишт тартиб дода мешавад, ки аз тарафи раискунанда ва котиби ҷаласа имзо мегардад. Пайнавишт дар муддати се (3) рӯз баъди

гузаронидани ҷаласа тартиб дода мешавад ва дар муддати шаш (6) рӯз аз рӯзи гузаронидани ҷаласа, ба ҳамаи аъзоёни Шурои нозирон бо яке аз он роҳҳое, ки Оинномаи мазкур ва Низомномаи Шурои нозирон барои ирсоли хабарнома оиди гузаронидани ҷаласаи Шурои нозирон пешбинӣ намудааст, ирсол карда мешавад. Агар дар муддати даҳ (10) рӯз аз лаҳзаи дастрас намудани пайнавишт ягон хел эрод аз тарафи аъзоёни Шурои нозирон пешкаш нагардад, чунин пайнавишт тасдиқшуда ҳисобида мешавад. Дар пайнавишт вақт ва ҷойи гузаронидани ҷаласа, ашхосе, ки дар ҷаласа иштирок намудааст, рӯзномаи ҷаласа, масъалаҳои ба овоздиҳӣ гузошташуда, натиҷаи ҷамъбасти овоздиҳӣ ва қарорҳои қабулшуда қайд карда мешаванд.

7.16. Баррасии масъалаҳое, ки ба салоҳияти Шурои нозирон мансубанд, барои баррасӣ ба салоҳияти Раиси Бонк гузошта намешаванд.

7.17. Тартиби амалӣ намудани фаъолияти Шурои нозирон, аз ҷумла тартиби гузаронидани ҷаласаҳои Шурои нозирон муфассалтар тибқи Низомномаи Шурои нозирон, ки аз ҷониби Маҷлиси умумии саҳмдорон тасдиқ карда мешавад, ба танзим дароварда мешавад.

## БОБИ 8
## МАҚОМИ ИҶРОИЯИ ЯГОНА

8.1. Роҳбарии бевоситаи фаъолияти ҷории Бонк аз ҷониби мақоми иҷроияи ягонаи он - Раиси Бонк амалӣ мегардад. Раиси Бонк бо қарори Шурои нозирон, ба муҳлати чор (4) сол ба вазифа таъин карда мешавад. Ба вазифаи Раиси Бонк танҳо шахсе таъин карда шуда метавонад, ки ба талаботҳои дахлдори пешбининамудаи қонунгузорӣ нисбати кормандони роҳбарикунандаи ташкилоти қарзӣ ҷавобгуй аст.

8.2. Раиси Бонк намояндаи қонунӣ ва ваколатдори Бонк буда, барои идоракунии ҳаррӯза ва фаъолияти Бонк дар доираи салоҳияти аз ҷониби Маҷлиси умумии саҳмдорон ва Шурои нозирон муқарраршуда масъул аст, аз ҷумла:

- тамоми фаъолият ва идоракунии Бонкро роҳбарӣ менамояд ва иҷроиши қарорҳои аз ҷониби Маҷлиси умумии саҳмдорон ва Шурои нозирон қабулшударо ба роҳ мемонад;
- бе ваколатнома аз номи Бонк баромад мекунад, манфиатҳои онро ҳимоя карда, аз номи Бонк аҳдҳо мебандад;
- иҷроиши нақшаҳои ҳарсолаи соҳибкорӣ ва сармоягузории Бонкро ба роҳ мемонад;
- сохтори дохилии идоракунию ташкилии Бонк, инчунин низомномаҳо, дастурамалҳо, тартибот ва дигар санадҳои дохилӣ, ки барои идоракунии ҳаррӯза ва фаъолияти Бонк заруранд ва тибқи Оинномаи мазкур ба салоҳияти Маҷлиси умумии саҳмдорон ва Шурои нозирон дохил нестанд, тасдиқ менамояд;
- коргарони Бонкро ба кор қабул менамояд ва аз кор озод мекунад (ба истиснои муовини раиси Бонк (дар ҳолати ба вазифа таъин шудани чунин шахс дар Бонк) ва сармуҳосиби Бонк, ки бо ҷонибдории Шурои нозирон ба вазифа таъин ва аз вазифа озод карда мешаванд), фармонҳо мебарорад ва супоришҳо медиҳад, ки иҷрои онҳо барои ҳамаи кормандони Бонк ҳатмӣ мебошанд;
- шартҳо ва андозаи музди меҳнати кормандони Бонкро муайян мекунад, ба истиснои муовини раис (дар ҳолати ба вазифа таъин шудани чунин шахс дар Бонк) ва сараудитори Бонк;
- барои фаъолияти Бонк пурра масъул мебошад; ва

- вобаста ба ҳамаи дигар масъалаҳое, ки дар доираи салоҳияти Маҷлиси умумии саҳмдорон ва Шурои нозирон намебошанд, қарорҳо қабул менамояд.

8.3. Раиси Бонк салоҳияти худро танҳо барои манфиати Бонк истифода мебарад. Агар Раиси Бонк дар аҳде, ки Бонк бастааст, манфиати молиявӣ ё дигар манфиате дошта бошад, он гоҳ ӯ бояд барои бастани аҳд розигии Шурои нозиронро гирад.

8.4. Раиси Бонк ҳуқуқ надорад, ки дороиҳои Бонкро мухолифи қарорҳои Маҷлиси умумии саҳмдорон ва Шурои нозирон истифода барад.

## БОБИ 9
## НАЗОРАТИ ФАЪОЛИЯТИ МОЛИЯВИЮ ХОЧАГИИ БОНК

9.1. Ҷиҳати анҷом додани назорати фаъолияти молиявию хоҷагии Бонк Маҷлиси умумии саҳмдорон ревизори Бонкро ба муҳлати то гузаронидани Маҷлиси умумии минбаъдаи солонаи саҳмдорон интихоб менамояд. Ревизори Бонк наметавонанд ҳамзамон аъзои Шурои нозирон, Раис ва ё сармуҳосиби Бонк бошад. Саҳмияҳои марбут ба аъзои Шурои нозирон ё Раиси Бонк наметавонанд ҳангоми интихоби ревизори Бонк дар овоздиҳӣ иштирок намоянд.

9.2. Бо қарори Маҷлиси умумии саҳмдорон ба ревизори Бонк дар давраи иҷро намудани уҳдадориҳояш метавонад подош пардохта ва (ё) хароҷоти вобаста ба иҷрои уҳдадориҳояш ҷуброн карда шавад. Андозаи чунин подош ва ҷубронпулӣ бо қарори Маҷлиси умумии саҳмдорон, бо тавсияи Шурои нозирон муқаррар карда мешавад.

9.3. Тафтиши (ревизияи) фаъолияти молиявию хоҷагии Бонк вобаста ба натиҷаи фаъолияти яксолаи Бонк, инчунин ҳар вақти дигар бо ташаббуси ревизори Бонк, қарори Маҷлиси умумии саҳмдорон, Шурои нозирон ё бо ташаббуси саҳмдоре (саҳмдороне), ки дар маҷмӯъ дорои на камтар аз даҳ фоизи (10 %) саҳмияҳои оддии Бонк мебошад, гузаронида мешавад.

9.4. Бо талаби ревизори Бонк Раис ва дигар кормандони Бонк бояд ба у тамоми маълумот ва ҳуҷҷатҳои ба фаъолияти молиявию хоҷагии Бонк вобастаро пешниҳод намоянд.

9.5. Оид ба натиҷаҳои тафтиши фаъолияти молиявию хоҷагии Бонк ревизор хулосаи дахлдори худро таҳия менамояд.

## БОБИ 10
## КУМИТАИ АУДИТ ВА ХАДАМОТИ АУДИТИ ДОХИЛИИ БОНК

10.1. Кумитаи аудити Бонк аз 2 (ду) нафар аъзо иборат мебошад. Аъзоён ва раиси Кумитаи аудит ба муҳлати чор (4) сол аз ҷониби Шурои нозирон интихоб мегарданд. Раиси Шурои нозирон ва Раиси Бонк аъзои Кумитаи аудит шуда наметавонанд.

10.2. Кумитаи аудит дар назди Шурои нозирон амал карда, дорои ваколату уҳдадориҳои зерин мебошад:

- баррасӣ ва тавсияи қабули нақшаи солонаи аудит, қоидаҳои ҳисобдорию назорати онҳо ва идоракунии хавфҳо дар Бонк;
- додани тавсия барои таъини аудитори берунии Бонк;
- баррасии ҳисоботи аудитори берунӣ оид ба ҳисоботи молиявии Бонк ва ба Шурои

нозирон хабар додани ҳар гуна камбудиҳои ошкоршуда то аз ҷониби он маъқул донистани ҳисоботи молиявӣ;
- талаб кардани ҳисобот аз сараудитори дохилии Бонк;
- мониторинги мутобиқати фаъолияти Бонк ба қонунгузории амалкунанда ва пешниҳоди маълумот ба Шурои нозирон;
- баррасии ҳисоботи Бонк, ки ба Бонки миллии Тоҷикистон пешниҳод мешавад;
- гузориш оид ба ҳар гуна масъалаҳое, ки аз ҷониби Шурои нозирон дар назди Кумитаи аудит гузошта шудаанд;
- баррасии амалиёт ва аҳдҳои Бонк дар заминаи нақшаҳое, ки Кумитаи аудит қабул кардааст, мутобиқи дархости Шурои нозирон ё дархости саҳмдорони Бонк, ки беш аз 10 фоизи саҳмияҳои овоздиҳандаро соҳибанд;
- ҳар сол на камтар аз як маротиба пешниҳоди ҳисобот дар маҷлиси умумии саҳмдорон оид ба фаъолияти худ.

10.3. Қарорҳои Кумитаи аудит бо аксарияти овози аъзои иштирокдошта қабул мешаванд. Ҳангоми баробар будани миқдори овозҳо, овози раиси Кумитаи аудит ҳалкунанда мебошад.

10.4. Барои санҷида баромадани мутобиқати низоми назорати дохилӣ дар Бонк ба талаботи қонунгузорӣ, аз ҷониби Шурои нозирон хадамоти аудити дохилӣ ташкил карда мешавад, ки ба он сараудитори дохилӣ роҳбарӣ менамояд. Аъзои хадамоти аудити дохилӣ ва сараудитори дохилӣ аз тарафи Шурои нозирон таъин карда мешавад. Ба вазифаи сараудитори дохилии Бонк танҳо шахсе таъин карда шуда метавонад, ки ба талаботҳои дахлдори пешбининамудаи қонунгузорӣ ҷавобгӯй аст. Мақсади аудити дохилӣ ин баҳодиҳӣ ба мутобиқат ва босамарии низоми назорати дохилӣ ва идоракунии хавфҳо аз рӯи ҳамаи ҷанбаҳои фаъолияти Бонк, таъмини иттилооти саривақтӣ ва мӯътамад оид ба ҳолати аз тарафи воҳидҳои Бонк иҷро шудани вазифаҳои ба онҳо вогузоршуда, инчунин додани тавсияҳои муассир ва самарабахш барои беҳбудии кор мебошад.

10.5. Вазифаҳои асосии хадамоти аудити дохилӣ инҳоянд:
- санҷиш ва баҳодиҳӣ ба самаранокии назорати дохилӣ;
- санҷиши татбиқи пурра ва самаранокии услуби баҳодиҳии хавфҳои бонкӣ ва тартиби идоракунии хавфҳои бонкӣ (услубҳо, барномаҳо, қоидаву тартиб ва расмиёти анҷом додани амалиёт ва қарордодҳои бонкӣ, идоракунии хавфҳо);
- санҷиши самаранокии фаъолияти низоми автоматизатсияшудаи (худкорӣ) иттилоотӣ, аз ҷумла назорат ба мукаммалии манбаи маълумот ва ҳифзи он аз дастрасии беиҷозат, мавҷудияти нақшаи амал дар ҳолатҳои ғайричашмдошт;
- санҷиши дурустӣ, пуррагӣ, объективӣ ва саривақтии сабтҳои ҳисобдорӣ, инчунин боэътимодӣ ва саривақт ҷамъоварӣ ва пешниҳод кардани маълумот ва ҳисобот;
- санҷиши дурустӣ, пуррагӣ, объективона ва саривақт пешниҳод шудани дигар маълумот мутобиқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- санҷиши роҳу услубҳое, ки барои таъмини ҳифзи амволи Бонк истифода мешаванд;
- дигар масъалаҳое, ки қонунгузорӣ пешбинӣ намудааст.

## БОБИ 11
## КОТИБИ КОРПОРАТИВӢ

11.1. Котиби корпоративӣ дар назди Шӯрои нозирон ҳисоботдиҳанда мебошад.

11.2. Котиби корпоративӣ дар асоси Низомномаи Котиби корпоративии Бонк, ки аз ҷониби Шӯрои нозирон тасдиқ карда мешавад, фаъолият менамояд.

11.3. Котиби корпоративӣ дар як вақт наметавонад, аъзои Шӯрои нозирон бошад.

## БОБИ 12
## ФЕҲРИСТИ САҲМДОРОНИ БОНК

12.1. Феҳристи саҳмдорони Бонк аз ҷониби дорандаи феҳристе, ки Бонк бо он шартнома дорад, пеш бурда мешавад.

12.2. Дорандаи феҳристи саҳмдорони Бонк бо талаби саҳмдор ё дорандаи номиналии саҳмияҳо (ва пардохти маблағи муқарраргардида) вазифадор аст ҳуқуқи уро ба саҳмияҳо бо додани нусхаи сабт аз феҳристи саҳмдорони Бонк, ки коғази қиматнок намебошад, тасдиқ намояд.

12.3. Шахси дар феҳристи саҳмдорони Бонк ба қайд гирифташуда вазифадор аст дар мӯҳлати 5 руз ба дорандаи феҳрист дар бораи тағийр ёфтани маълумоти худ иттилоъ диҳад. Дар мавриди пешниҳод накардани иттилоот оид ба тағийрот дар бораи маълумоти худ, Бонк ва дорандаи феҳрист барои зарари вобаста ба ин расонидашуда масъулият надоранд.

## БОБИ 13
## ФИЛИАЛҲО ВА НАМОЯНДАГИҲОИ БОНК

13.1. Бонк ҳуқуқ дорад дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи қонунгузорӣ филиалҳо ва намояндагиҳо таъсис диҳад ва дар ҳудуди дигар давлатҳо бошад, тибқи қонунгузории ин давлатҳо филиалҳо ва намояндагиҳо таъсис диҳад, агар дар шартномаҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон қоидаи дигар пешбинӣ нашуда бошад.

13.2. Филиал ва намояндагии Бонк шахсони ҳуқуқӣ намебошанд ва зери роҳбарии Бонк, аз ҳисоб ва аз номи Бонк амал мекунанд. Бонк аз рӯи фаъолияти филиалҳо ва намояндагиҳои худ ҷавобгар мебошад.

13.3. Бонк дорои ду филиали зерин мебошад:

(1) Филиали ҶСК «Алиф Бонк» дар шаҳри Хуҷанд:

- суроғаи ҳуқуқӣ: кӯчаи Раҳим Ҷалил, хонаи 2, шаҳри Хуҷанд, Тоҷикистон;
- номи пурра: Филиали Ҷамъияти саҳомии кушодаи «Алиф Бонк» дар шаҳри Хуҷанд;
- номи ихтисоршуда: Филиали ҶСК «Алиф Бонк» дар ш. Хуҷанд.

(2) Филиали ҶСК «Алиф Бонк» дар шаҳри Душанбе:

- суроғаи ҳуқуқӣ: кӯчаи Фотеҳ Ниёзӣ 51, шаҳри Душанбе, Тоҷикистон;
- номи пурра: Филиали Ҷамъияти саҳомии кушодаи «Алиф Бонк» дар шаҳри Душанбе;
- номи ихтисоршуда: Филиали ҶСК «Алиф Бонк» дар ш. Душанбе.

## БОБИ 14

## ДОРОИҲО ВА ФОНДҲОИ БОНК

14.1. Дороиҳои Бонк аз воситаҳои асосӣ, муомилотӣ ва дигар дороиҳое иборат мебошанд, ки арзиши онҳо дар тавозуни Бонк дарҷ гардидааст. Дороиҳои Бонк метавонанд аз сарчашмаҳои зерин ба даст оварда шаванд:

- маблағи қоғазҳои қиматноки паҳншуда;
- фоидаи Бонк; ва
- дигар сарчашмаҳое, ки тибқи қонунгузорӣ манъ нашудаанд.

14.2. Фоидае, ки Бонк дар натиҷаи фаъолияти соҳибкории худ ба даст меорад тибқи қонунгузории амалкунанда андозбандӣ мешавад ва пас аз пардохти андозҳо ва дигар пардохтҳои зарурӣ метавонад бо қарори Маҷлиси умумии саҳмдорон барои ташкили фонди захиравӣ ва дигар фондҳо, инчунин пардохти дивидендҳои саҳмдорон истифода шавад.

14.3. Дар Бонк фонди захиравӣ дар ҳаҷми на камтар аз як фоизи (1%) сармояи оинномавии Бонк таъсис дода мешавад. Фонди захиравии Бонк бо роҳи маблағгузоронии ҳарсола аз ҳисоби фоидаи софи Бонк то расидан ба ҳаҷми муқаррарнамудаи Оинномаи мазкур ташаккул меёбад. Андозаи маблағгузоронии ҳарсола ба фонди захиравӣ аз ҳисоби фоидаи софи Бонк на бояд аз панҷ фоизи (5%) фоидаи софи солонаи Бонк кам бошад. Маблағгузоронии ҳарсола ба фонди захиравӣ аз ҳисоби фоидаи софи Бонк танҳо пас аз тасдиқи ҳисоботи солонаи муҳосибии (молиявии) Бонк ва бо қарори дахлдори Маҷлиси умумии саҳмдорон амалӣ карда мешавад.

14.4. Бонк ҳуқуқ дорад бо қарори Маҷлиси умумии саҳмдорон инчунин дигар фондҳоро бо риояи талаботи қонунгузорӣ таъсис диҳад.

## БОБИ 15
## ТАҚСИМИ ФОИДАИ БОНК

15.1. Бонк ҳуқуқ дорад ҳар семоҳа, ҳар нимсола ва/ё ҳарсола оиди тақсими фоидаи софи худ ба тариқи пардохти дивидендҳо аз руи саҳмияҳои паҳнкардашудаи худ қарор қабул намояд. Дивидендҳо аз фоидаи софи Бонк пардохта мешаванд.

15.2. Андозаи дивидендҳо, шартҳо ва тартиби пардохти онҳо аз ҷониби Маҷлиси умумии саҳмдорон тасдиқ карда мешавад. Андозаи дивидендҳо аз андозаи тавсиянамудаи Шурои нозирон зиёд буда наметавонад.

15.3. Дивидендҳои эълоншуда дар муҳлати на дертар аз ду моҳ пас аз қабули қарор оиди пардохта шудани онҳо аз ҷониби Маҷлиси умумии саҳмдорон пардохта мешавад, агар бо қарори Маҷлиси умумии саҳмдорон тартиби дигар муқаррар нашуда бошад.

15.4. Руйхати шахсоне, ка барои гирифтани дивидендҳо ҳуқуқ доранд, дар санаи таҳияи руйхати шахсоне, ки барои иштирок дар Маҷлиси умумии саҳмдорон ҳуқуқ доранд, тартиб дода мешавад. Барои таҳияи руйхати шахсони барои гирифтани дивидендҳо ҳуқуқдошта дорандаи номиналии саҳмияҳо дар мавриди шахсоне, ки ӯ ба манфиати онҳо саҳмияҳоро соҳибӣ мекунад, маълумот пешниҳод менамояд.

15.5. Дар ҳолатҳои пешбининамудаи қонунгузорӣ Бонк ҳуқуқ надорад вобаста ба пардохти дивидендҳо қарор қабул намояд ё дивидендҳои эълоншударо пардохт намояд.

## БОБИ 16
## БАҲИСОБГИРӢ ВА ҲИСОБОТ, ҲУҶҶАТҲОИ БОНК

16.1. Бонк пешбарии баҳисобгирии муҳосибавиро ва пешниҳод намудани ҳисоботи молиявиро тибқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузорӣ амалӣ менамояд. Масъулияти ташкил, ҳолат ва саҳеҳии баҳисобгирии муҳосибавӣ дар Бонк, сари вақт пешниҳод намудани ҳисоботи солона ва дигар ҳисоботи молиявӣ ба мақомоти дахлдор ба зиммаи мақоми иҷроияи Бонк гузошта мешавад.

16.2. Барои тафтиши ҳарсола ва тасдиқи ҳисоботи солонаи молиявӣ Бонк аудитореро, ки бо Бонк ва ё саҳмдорони он бинобар манфиати молумулкӣ ягон алоқамандие надорад, ҷалб менамояд. Бонк танҳо он аудитореро ҷалб менамояд, ки дорои иҷозатномаи дахлдор, тахассус ва таҷрибаи кофии аудити ташкилоти қарзӣ буда, ба руйхати аз ҷониби Бонки миллии Тоҷикистон нашршудаи ташкилотҳои аудиторие, ки ҳуқуқи гузаронидани аудити ташкилотҳои қарзиро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон доранд, ворид карда шудааст. Ҳисоботи солонаи Бонк бояд пешакӣ аз ҷониби Шурои нозирон, дар давоми 30 руз то гузаронидани Маҷлиси умумии солонаи саҳмдорон тасдиқ карда шавад.

16.3. Соли молиявии Бонк 1 январ оғоз гардида 31 декабр ба итмом мерасад.

16.4. Бонк ҳуҷҷатҳои пешбининамудаи қонунгузориро дар маҳалли ҷойгиршавии мақомоти иҷроияи худ тибқи тартиб ва мухлати муқаррарнамудаи мақомоти ваколатдор нигоҳ медорад. Чунин ҳуҷҷатҳо бояд аз ҷониби Бонк дар давоми ҳафт (7) руз аз санаи пешниҳоди дахлдори саҳмдор барои шиносоӣ дар бинои мақомоти иҷроияи Бонк ба саҳмдор пешниҳод карда шаванд. Ҳар як ашхосе, ки ба ӯ ҳуҷҷатҳои Бонк дастрас шудаанд, бояд маълумоти бадастовардаро махфӣ нигоҳ дорад ва онро танҳо барои беҳбудии фаъолият ва манфиати Бонк ё барои қабули қарорҳои сармоягузорӣ дар Бонк истифода барад.

## БОБИ 17
## РАСМИЁТИ АЗНАВТАШКИЛДИҲӢ ВА БАРҲАМДИҲИИ БОНК

17.1. Бонк фаъолияти худро аз лаҳзаи гирифтани иҷозатнома барои анҷом додани фаъолияти бонкӣ оғоз менамояд ва минбаъд амалкунии Бонк бемӯҳлат давом дода мешавад.

17.2. Ҳангоми азнавташкилдиҳии Бонк (муттаҳидшавӣ, ҳамроҳкунӣ, тақсимшавӣ, ҷудо кардан, табдилдиҳӣ) ба ҳуҷҷатҳои таъсисотии Бонк бояд тағийротҳои дахлдор ворид карда шаванд.

17.3. Азнавташкилдиҳии Бонк метавонад ихтиёрӣ, аз ҷониби Маҷлиси умумии саҳмдорон, ё ин ки маҷбурӣ тибқи талаботи қонунгузорӣ гузаронида шавад. Азнавташкилдиҳии Бонк танҳо баъди гирифтани розигии Бонки миллии Тоҷикистон тибқи талаботи қонунгузорӣ амалӣ мегардад.

Оинномаи ҶСК «Алиф Бонк» дар ҳаҷми 18 (ҳаждаҳ) варақ дӯхта ва рақамгузорӣ карда шудааст.

Иҷрокунандаи вазифаи Раиси ҶСК «Алиф Бонк» Каримов Д. О.

ҶАМЪИЯТИ САҲОМИИ КУШОДАИ – АЛИФ БОНК –